# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Тағоев Шамсулло Хурсандович дар мавзӯи «Коркарди амсилаи компютерии бозии педагогии рангпуркунӣ барои рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб»**

Системаи муосири таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон дар шароити кунунии рушди ҷомеа бо нигаҳдории дастовардҳои қаблии соҳаи маорифи кишвар бо истифода аз имкониятҳои бавуҷудомадаи гузариш ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот тасмим гирифтааст, ки дар таълими хонандагон муносибатҳои босалоҳиятро роҳандозӣ намояд. Зарурати гузариш аз низоми анъанавӣ, ки он дар асри XVII дар заминаи принсипҳои дидактикӣ ташаккул ёфтабуд, ба муносибатҳои нави таълимӣ тамоюли объективӣ дошта, дар марҳилаи ҷаҳонишавии босуръати муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии байни мамлакатҳо равона шуда буд.

Дар ибтидои диссертатсия, бахусус дар муқаддимаи он тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтааст, ки он вобаста ба мубрамият ва зарурати баргузорӣ, дараҷаи азхудшудаи мавзӯъ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадаф, объект, масъалаҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳҳои иттилоотию озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назаривӣ ва амалӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда дар таҳқиқот, саҳми шахсӣ, таъйиди диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бахшида шудааст, ки дар он маълумотҳои саҳеҳ рӯи кор омадааст.

Боби якуми диссертатсия ба нақши бозиҳои таълимӣ дар таҳкими технологияҳои педагогӣ ва муносибати босалоҳият ба таҳсилот бахшида шудааст, ки яке аз ҳадафҳои таҳқиқоти мавзӯи боби мазкур, ин омӯзиш ва таҳлили таърихи пайдоиши системаҳои ҳисоббарориҳои ададӣ ба шумор меравад, ки инсоният онҳоро дар давоми садсолаҳои қаблӣ бо

истифода аз усулҳои математикӣ (риёзиёт) таърифу тавсиф дода, дар садсолаи навин онро ба воситаи техникаи ҳисоббарори электронӣ (компютер) дақиқкорона онро татбиқ намуда, маври амал қарор доданд.

Боби дуюми диссертатсия ададҳо ва системаҳои ҳисоб номгузорӣ шудааст, ки ҳадафи асосии он аз пурратару возеҳтар шинос намудани хонандагони синфҳои 11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёну муҳаққиқони ҷавони илмҳои математика ва информатика бо таърихи ададҳо, инчунин системаҳои гуногуни ҳисоб иборат мебошад, ки онҳо мехоҳанд дар ин самт дониши математикии худро ривоҷ дода, минбаъд татбиқи ин системаро бо диди нав дар пешбурди раванди техника ва технологияи муосири компютерӣ амалӣ гардонанд.

Боби сеюми диссертатсия бо тарзҳои тасвир ва гузаронидани ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар бо ёрии технологияи маъмул баҳри ташкили бозиҳои таълимӣ бахшида шудааст, ки мақсади асосии таҳқиқотро вобаста бо роҳу усулҳои ташаккулдиҳии фаъолнокии хонандагон бо истифода аз технологияи бозиҳо баҳри табдилд додани ададҳо аз як системаи ҳисоб ба системаи ҳисоби дигар иборат аст. Натиҷаҳои таҷрибаҳои педагогӣ ва таҳқиқу таҳлилҳои зиёд далели онанд, ки бозиҳои таълимӣ барои рушду инкишофи ақлу идроки хонандагон бениҳоят муҳим мебошанд, зеро раванди бозӣ кунҷкобӣ ва ҳисси таҳқиқотчигии хонандагонро бедор намуда, онҳоро ба ҳамкорӣ ва истифодаи мақсадноки усули «озмоиш ва ислоҳ» ҳидоят менамояд. Ба воситаи бозиҳои шавқовар ва ҳадафноки педагогӣ омӯзиши самаранокро устуворона ба роҳ мондан мумкин аст. Бозии таълимии моҳирона таҳиягашта, ба инкишофи маҳорату малакаи хонандагон мусоидат менамояд.

Дар боби мазкур тасмим гирифта шудааст, ки баҳри бозҳам бедор намудани маҳорату малакаи хонандагон дар табдилдиҳии ададҳо аз системаҳои ҳисоби мавқеии ҳаштӣ ва шонздаҳӣ, ба системаи ҳисоби мавқеии дуӣ бозии таълимии «рангпуркунӣ» татбиқ карда шавад.

Вобаста ба ин, ба омӯзгорони фанни технологияи иттилоотӣ тавсия дода шудааст, ки дар рафти гузаронидани машғулиятҳо аз истифодаи технологияи мазкур ба таври васеъ истифода намоянд, зеро бо ёрии бозии рангпуркунӣ фаҳмонидан ва иҷро намудани супоришҳои мавзӯи фаъолнокии хонандагон дучанд боло рафта, онҳо ҳар лаҳза соҳиби ҳиссаи нави иттилоот гашта, дониш худро вобаста ба мавзӯи дарс бой мегардонанд.

Рисолаи илмии Тағоев Шамсулло Хурсандович дар мавзӯи «Коркарди амсилаи компютерии бозии педагогии рангпуркунӣ барои рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни таълими системаҳои ҳисоб» таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогиро аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (информатика, таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи илмҳои компютерии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Сафаров Мунир Ватанович

Имзои Сафаров М.В., дотсенти кафедраи илмҳои
компютериро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф. А.